

Имрӯз 20 уми апрели соли 2016 дар Хадамоти гумруки назди Хукумати Чумхурии Точикистон вохӯрӣ бо намондагони Созмони Миллали Муттахид доир гардид. Дар вохӯри Абдуфатохи Гоиб сардори Хадамоти гумруки назди Хукумати Чумхурии Точикистон, Каримзода Хуршед муовини якуми сардори Хадамоти гумрук, Чӯрабеков Эрач сардори Раёсати хамкорихои байналмиллалии гумрукӣ, Зайдуллоев Иззатулло сардори Раёсати батанзимдарории тарифию гумрукӣ ва назорати асъор иштирок намуданд.

Аз намояндагии Созмони Миллали Муттахид Лючия Элми Хамохангсози доимии СММ дар Точикистон, Марсель Вассен, сардори Раёсати Минтакавии СММ оид ба координатсияи масъалахои гуманитарӣ барои давлатхои Кавкоз, Осиёи Миёна ва Украина, Ян Харфст директори Барномаи Инкишофи СММ дар Точикистон ва Валичон Раноев мушовири миллӣ оид ба таъсири холатхои фавкуллода иштирок доштанд.



Дар вохӯрӣ Созишнома байни Хукумати Чумхурии Точикистон ва Созмони Миллали

Муттахид оид ба андешидани чорахои зарурӣ чихати соддагардонии расмиёти воридот, содирот ва транзити борхои кумаки фавкуллода ба имзо расид.



Созишномаи мазкур бо карори Хукумати Чумхурии Точикистон аз 28  ноябри соли 2015 тахти № 747 маъкул дониста шудааст.



Созишномаи  номбурда  барои халли масъалахои воридот, содирот ва транзити борхои кумаки фавкуллода,  инчунин чихати тезонидани интиколи молхои таъиноти кумаки фавкуллода тавассути каламрави гумрукии Чумхурии Точикистон, мусоидат менамояд.



***Маркази матбуотии  Хадамоти гумруки назди Хукумати Чумхурии Точикистон***